ХУЛОСАИ НИҲОИИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 03.11.2022, №17

Барои сазовор донистани Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илми филология.

Диссертатсияи Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 07 июли соли 2022, суратмаҷлиси №7 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло 31-уми январи соли 1976 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2005 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии милии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро бо ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Соли 2012 диссертатсияи номзадиашро дар мавзуи «Азрақии Ҳиравӣ ва хусусиятҳои бадеӣ-эстетикии қасоиди ӯ» аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик) бо роҳбарии доктори илми филология, профессор Б. Мақсудов ҳимоя кардааст. Аз соли 2013 то ин замон директори литсейи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Мушовири илмӣ: доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мисбоҳиддини Нарзиқул.

1. Муқарризони расмӣ: **Тағоймуродов Рустам Ҳакимович** – доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», **Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич** – доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва **Элбоев Вафо Ҷӯрақулович** – доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии

омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

Муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илми филология Султонзода Т.С., номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷик Ӯрунова М.Р., эксперт – доктори илми филология, профессор Нуров Н.Н., котиби илмии ҷаласа – номзади илми филология Азизов С.С. имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илми таърих, профессор Усмонзода А.И. тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи доктории Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 1 монография ва 21 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М] Ғаффоров, Ш.Ҳ. Убайди Зоконӣ ва дараҷаи омӯхта шудани ҳаёту фаъолияти эҷодии вай / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2019. – № 2. – С. 222-228.

[2-М] Ғаффоров, Ш.Ҳ. «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ ва нигоҳи оморӣ ба персонажҳои он / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмию филологӣ шумораи. – 2019. – № 2. – С. 209-214.

[3-М] Ғаффоров, Ш.Ҳ. Афкори риндии Убайди Зоконӣ дар рисолаи «Дилкушо» бозкунандаи афзои иҷтимоии даврони вай / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2019. – № 4/4 (19) . – С . 226-231.

[4-М] Ғаффоров, Ш.Ҳ. Қадимтарин нусхаи куллиёти У. Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2019. – № 4/5 (19) . – С . – 191-195.

[5-М] Ғаффоров, Ш.Ҳ. Шайх Абӯисҳоқи Инҷӯ ва вазири ӯ – Хоҷа Рукнуддини Амидулмулк – мамдуҳони асосии Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2019. – №6. – С. 176-183.

[6-М] Ғаффоров, Ш.Ҳ. Оли Ҷалоир ва муносибати намояндагони он ба шеъру адаби порсӣ / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2019. – № 6. – С. 247-250.

[7-М] Ғаффоров, Ш.Ҳ. Сохтор, услуб ва мундариҷаи асосии «Ахлоқ-ул-ашроф»-и Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Номаи Донишгоҳ. Маҷаллаи илмӣ. – 2020. – № 1(62). – С. 95-102.

[8-М] Ғаффоров, Ш.Ҳ. Убайди Зоконӣ ва «Наводир-ул-амсол»-и ӯ / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020. – № 1. – С. 171-175.

[9-М] Ғаффоров, Ш.Ҳ. Мавқеи мисолҳои шеърӣ, басомад ва тарзи истифодаи онҳо дар «Ахлоқ-ул-ашроф»-и Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020. – № 2. – С. 180-188.

[10-М] Ғаффоров, Ш.Ҳ. Хусусиятҳои сабкию услубии рисолаи «Даҳфасл»-и Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020. – № 3. – С. 173-179.

[11-М] Ғаффоров, Ш.Ҳ. Хусусиятҳои асосии «Наводир-ул-амсол»-и Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020. – № 5. – С. 238-242.

[12-М] Ғаффоров, Ш.Ҳ. Ҳикоёти арабии рисолаи «Дилкушо»-и Убайди Зоконӣ ва баъзе хусусиятҳои он / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020. – № 6. – С. 191-195.

[13-М] Ғаффорзода, Ш.Ҳ. Латоифи Убайди Зоконӣ ва хусусиёти сохтории онҳо / Ш.Ҳ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. –2020. – №7. – С. 250-255.

[14-М] Ғаффорзода, Ш.Ҳ. Аҳаммияти таърихӣ ва халқии осори насрии Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020. – № 8. – С. 244-249.

[15-М] Ғаффорзода, Ш.Ҳ. Ҷойгоҳи тамасхур ва киноя дар Рисолаи «Ахлоқ-ул-ашроф»-и Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффорзода // Номаи Донишгоҳ. Маҷалаи илмӣ. – 2021. – № 1(66) . – С. 39-45.

[16-М] Ғаффорзода, Ш.Ҳ. Тамсил ва чигунагии корбурди он дар рисолаи «Ахлоқ-ул-ашроф»-и Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №4. – С. 163-172.

[17-М] Ғаффорзода, Ш.Ҳ. Нақши маҷоз дар осори Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффорзода // Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – 2021. – №4 (93). – С. 178-183.

[18-М] Ғаффорзода, Ш.Ҳ. Саҷъ ва мақоми он дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффорзода // Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – 2021. – №6 (95). – С. 149-154.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[19-М]. Ғаффорзода, Ш.Ҳ. Инъикоси воситаҳои тасвири бадеӣ дар насри Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффорзода // Мақолаҳо аз конференсияи байналмилалии «Хонишҳои XII-уми Ломоносов» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия (29-30 апреля 2022). Қисми III. Педагогика, лингвистика. – Душанбе, 2022. – С. 72-78.

[20-М]. Ғаффорзода, Ш.Ҳ. Инъикоси воситаҳои баён дар насри Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффорзода // Мизони каломи манзум (Мақолаҳо аз ҳамоиши байналмилалии «Вазни арӯз ва таҳаввули он дар шеъри форсии тоҷикӣ бахшида ба 80-солагии д.и.ф., профессор Урватулло Тоиров). – Душанбе: МТБТ-и ДМТ, 2022. – С. 145-156.

[21-М]. Ғаффорзода, Ш.Ҳ. Хусусиятҳои забонии осори мансури Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффорзода // Забон ҳастии миллат (Мақолаҳо аз конференсияи байналмилалии «рушди забони адабии тоҷикӣ дар замони истиқлол: мушкилот ва дурнамо» бахшида ба 85-солагии доктори илми филология, профессор Ҳомид Маҷидов). – Душанбе: МТБТ-и ДМТ, 2022. – С. 74-84.

III. Монография:

[22-М]. Ғаффорзода, Ш.Ҳ. Вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва муҳити адабӣ-фарҳангӣ дар замони зиндагии Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффорзода. – Душанбе: ҶДММ «Нушбод», 2021. – 262 с.

Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

1. Тақризи доктори илми филология, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Ашурова**

Нодира Ҷумаевна мусбат буда, дар он баъзе камбудиҳои автореферати диссертатсия нишон дода шудаанд:

1. Ҳарчанд забон ва услуби фишурда равону фаҳмост, аммо баъзан калимаву ибораҳои душворфаҳми арабӣ ба назар мерасанд, ки ба ҷойи онҳо мавриди истифода қарор додани муродифоти тоҷикии онҳо мувофиқи мақсад аст.

2. Дар зерфасли сеюми фасли сеюми боби охир, дар бахши воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ барои тақвияти андеша мисолҳои хеле кам оварда шудаанд, умедворам, ки дар диссертатсия ин бахш муфассалтар матраҳ гардида бошад.

2. Дар тақризи доктори илми филология, профессори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи хориҷии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов **Ҷумъа Ҳамроҳ** қайд шудааст, ки дар автореферати диссертатсия дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ баъзе нуктаҳои норавшан ё баҳсталаб низ мушоҳида мешаванд:

1. Дар баррасии хусусиятҳои бадеии осори насрии Убайди Зоконӣ, ба мисли «Ахлоқ-ул-ашроф», «Ришнома», рисолаи «Дилкушо», «Садпанд», «Даҳфасл», «Мактуби қаландарон» ва «Наводир-ул-амсол» самтҳои таваҷҷуҳи муаллифи диссерататсия мусбат арзёбӣ мешавад, вале аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки вижагиҳои бадеии «Ахлоқ-ул-ашроф» бештар диққати ӯро ҷалб намудаанд.

2. Дар таснифоти фаслҳо ва зерфаслҳои бобҳои алоҳидаи диссертатсия низ вобаста ба мазмуну мундариҷаи онҳо (эҷози сухан ва балоғати калом, масъалаҳои сабк ва тарзи баён, воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ) метавон теъдоди онҳоро ихтисор намуд.

3. Тақризи доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Салими Хатлонӣ** мусбат буда, дар он қайд шудааст, ки автореферати диссертатсияи Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Ба назари муқарриз довталаби дараҷаи илмӣ аҳдофу вазифаҳои бамиёнгузоштаи хешро амалӣ намуда, кори таҳқиқи ӯ падидаи тоза ва ҷолиб дар шинохти назар ва ҷойгоҳи Убайди Зоконӣ дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад. Дар ин тақриз ба баъзе ғалатҳои имлоӣ ва ҷузъии техникӣ ишора шудааст.

4. Дар тақризи доктори илми филология, профессори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Насриддинов Фахриддин** муҳассаноти кори таҳқиқӣ ва муваффақиятҳои муаллиф баён гардида, ҳамчунин, пешниҳоду эродҳои зерин манзур шудаанд:

1. Дар омӯзиши мавзуъ бояд ба густураи фарохтар назар андохт ва аз пажӯҳишҳои донишмандони Аврупо, Туркия, Ҳинду Покистон ва дигар кишварҳое, ки мактабҳои неруманди адабпажӯҳӣ дар онҳо фаъолият доранд, ба таври шоиста истифода намуд. Дар ин маврид пажӯҳиши муаллиф тавақҷуҳи бештарро тақозо менамояд. Ҳадди ақал зикре аз хидмати феҳристнигорон, ки дар нусхашиносӣ ва муаррифии осори насрии Убайди Зоконӣ нақши муҳим доранд, шоиста ба назар меояд ва ба арзиши таҳқиқ меафзояд.

2. Дар таҳқиқи осори адабӣ истифодаи бевосита аз нусхаҳои хаттии онҳо матлуб мебошад ва ҳамеша арзиши корро дучанд мегардонад. Дар рисола таҳқиқ бар мабнои нусхаҳои хаттии осори Убайди Зоконӣ хеле ночиз ба назар мерасад.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

- ҷустор перомуни таҳаввули насри бадеӣ то замони Убайди Зоконӣ сурат гирифта, мақоми насри бадеӣ дар эҷодиёти адиб ва хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури ӯ таҳқиқ ва таъйин гардида, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишманд **ба анҷом расидааст**;
- мухтассоти жанрӣ ва ғоявии осори мансури Убайди Зоконӣ **муайян гардидаанд;**
- вижагиҳои ҳаҷву мутоиба дар асарҳои мансури адиб, нақди иҷтимоӣ ва афкори дидактикии Убайди Зоконӣ **баррасӣ гардида,** эҷози сухан ва балоғати калом дар насри бадеии Убайди Зоконӣ **исбот шудаанд.**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси асарҳои мансури Убайди Зоконӣ, қадимтарин маҷмуаи осори Убайди Зоконӣ, ки мутааллиқ ба асри XIV аст, маҷмуаи интиқодии таҳиянамудаи донишманди тоҷик Ҷобулқо Додалишоев, ки дар асоси қадимтарин ва муътамадтарин осори Убайди Зоконӣ сурат пазируфтааст ва дигар асарҳои дар даврaҳои гуногун батабърасидаи адиб, манбаъҳои адабию таърихӣ, тазкираҳо ва дигар сарчашмаву маъхазҳои адабии асримиёнагӣ оид ба баҳси наср сурат гирифта, дар умум, осори мансури Убайди Зоконӣ дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд;**
- осори насрии Убайди Зоконӣ дорои вижагиҳои гуногуни сабкӣ, забонӣ, ғоявӣ ва бадеӣ буда, аз ин ҷиҳатҳо ҳунари нигориш ва навпардозиҳои Убайди Зоконӣ дар насри бадеӣ **исбот шудааст;**
- мушаххасоти сабкӣ ва тарзи баёни Убайди Зоконӣ дар асарҳои мансураш **муайян карда шудаанд.**

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки масъалаҳои назарии дар диссертатсия матраҳшуда, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф пажуҳиши адабиёти ҳамин давра, омӯзиши масъалаҳои

ҳамгуни таърихи адабиёти тоҷик ва равишҳои назарии илми адабиётшиносии тоҷикро дар таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои убайдшиносӣ, асарҳои мансури адабии асримиёнагӣ, хусусиятҳои ғоявию бадеӣ, вижагиҳои жанрии осори мансур ва масъалаҳои сабку диди бадеию ҳунарӣ густариш дода, ба адабиётшиносон, унвонҷӯён ва докторантон ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад. Дастовардҳои илмие, ки дар диссертатсия барои муайян кардани мавқеи наср дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ, мухтассоти жанрии осори мансури адиб, вижагиҳои хусусиятҳои ғоявӣ, эҷози сухан ва балоғати калом, унсурҳои фолклорӣ ва диди мардумӣ, таъйини меъёрҳои шинохти сабки фардии нависанда ва дигар мабоҳиси асосӣ истифода шудаанд, барои ҳалли масъалаҳои ҳамгуни назарӣ дар адабиётшиносии муосир мусоидат менамоянд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ осори илмию назарии адабиётшиносон, шарқшиносон, эроншиносони хориҷию ватанӣ, ба монанди Е.Э. Бертелс, Э. Браун, В.В. Виноградов, В.В. Томашевский, Г.Н. Поспелов, Г.Л. Абрамович, Маликушшуаро Баҳор, Забеҳуллоҳи Сафо, Қосим Ғанӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Шафеии Кадканӣ, Маҳдии Моҳавзӣ, Муҳаммад Муин, Эҳсони Ёршотир, Маҳмуди Ибодиён, Абдулҳусайни Навоӣ, Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ, Абдуррафеи Ҳақиқат, Ҷалолуддини Ҳумоӣ, Сируси Шамисо, Маҳмуди Футӯҳӣ, Аҳмади Тамимдорӣ, Муаззама Иқболӣ, Ҳусайни Саффоридухт, Мансури Растагор, Парвиз Атобакӣ, Ардашер Баҳманӣ, Х. Мирзозода, А. Афсаҳзод, М. Бақоев, У. Каримов, Х. Шарифов, Р. Мусулмониён, А. Насриддинов, М. Имомзода, Н. Салимӣ, С. Солиҳов, М. Муродов, А. Абдусатторов, М. Нарзиқул ва дигарон дар ҳалли масоили назарӣ **омӯхта ва истифода шудаанд.**

Дар диссертатсия аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, китобхонаӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори осори адабӣ истифода гардида, ба таҷриба ва дастовардҳои илмию методии гурӯҳи муҳаққиқони зикршуда такя карда шудааст.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки маводи манзуршуда, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он метавонанд барои муайян кардани мавқеи наср дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ, мухтассоти жанрии осори мансури адиб, вижагиҳои хусусиятҳои ғоявӣ, эҷози сухан ва балоғати калом, унсурҳои фолклорӣ ва диди мардумӣ, таъйини меъёрҳои шинохти сабки фардии нависанда ва дигар мабоҳиси асосӣ барои ҳалли масъалаҳои ҳамгуни назарӣ дар адабиётшиносии муосир, дар навиштани мақолаҳо ва таълифи рисолаҳои илмӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ба маводи дар диссертатсия фароҳамомада ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ, таълифи воситаҳои таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна, омода кардани

курси лексияҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷик, курс ва семинарҳои махсус оид ба насри бадеии асримиёнагӣ дар мактабҳои олӣ такя намудан мумкин аст.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи адабиётшиносони хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар он зоҳир меёбад, ки ӯ дар ҷараёни ҷамъоварии маводи зарурӣ, дастабандии мавзуӣ, таъйини тарҳи кор, навиштани монография ва мақолаҳо мустақилият зоҳир карда, дар мавридҳои зарурӣ аз маслиҳати мушовири илмӣ баҳраманд шудааст. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба равишҳои таҳқиқии муосир такя карда, бори аввал ба таври комплексӣ масъалаҳои марбут ба осори насрии Убайди Зоконро дар қолаби диссертатсия таҳқиқ ва ҷамъбаст намуда, дар интихоби мавод, интишори натиҷаҳои таҳқиқ, пешниҳоди маълумот ва пешфарзҳо барои таҳқиқоти баъдӣ ва дастовардҳои назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 03 ноябри соли 2022 дар бораи сазовор донистани Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло ба дараҷаи илмии доктори илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Максудов Бадриддин.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ.
03.11.2022